# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот. – Кӯлоб, 2026. – 383 с.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.**

Низоми таълиму тарбия ва таҳқиқи роҳу усулҳои навини инноватсионӣ баҳри боло бурдани сифати таълиму тарбияи насли наврас кӯмак мерасонад. Мушкилоти таълиму тарбияи насли наврас дар ҳамаи марҳилаҳои таърихию иҷтимоии рушди ҷомеа дар маркази таваҷҷуҳи низоми маорифи кишвар ва олимони соҳаи педагогика қарор дошта, чи дар осори илмию бадеӣ ва чи дар мероси педагогикаи мардумӣ арзишҳои миллии бо мурури солҳо сайқалёфта нақши асосиро мебозад.

Таҳқиқоти диссертатсионии довталаби дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» дар заминаи Феҳристи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯйи ихтисос дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, иҷро карда шуда, ба талаботи шиносномаи ихтисоси илмии 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот, аз ҷумла ба банди 1. Методологияи таҳқиқотҳои педагогӣ (корҳои таҳқиқотӣ дар рушди илми педагогика, ҳамбастагӣ ва татбиқпазирии онҳо; характери диалектикии алоқаи мутақобилаи илми педагогика ва амалияи таълим), банди 2. Таърихи рушди илми педагогика ва амалияи таълим (рушди таърихии амалияи таҳсилот; ташаккул ва рушди афкор; консепсияҳо, назарияҳо; омӯзиши монографияи мероси педагогии омӯзгорони маъруфи замони гузашта; таърихи этнопедагогика), банди 5 – Назария ва косепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низомҳои педагогии тарбия) мутобиқат мекунад.

Муҳтаво ва равиши таҳқиқот низ ҷавобгӯйи талабот ва меъёрҳои муайяннамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Бояд зикр кард, ки таҳқиқ дар доираи

шиносномаи ихтисоси мазкур тамоми унсурҳои зарурии назариявӣ ва амалӣ, аз ҷумла, методологияи таҳлил ва таҳқиқоти муқоисавиро фаро гирифтааст. Диссертант дар кори илмии худ ба баррасии васеи адабиёти назариявӣ ва таърихӣ пардохта, асосҳои назариявии мавзуъро ҳамаҷониба тавзеҳ додааст.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мубрам будани мавзуи таҳқиқоти илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки дар шароити ҷомеаи босуръат рушдёбанда дар низоми маориф ва илмӣ ҷумҳурӣ, ки бо навсозии доимии дониш, истифода аз афкори педагогии ниёгон оид ба ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон ва дигар методҳои таълим хос аст, баланд бардоштани малакаю маҳорати насли наврасу ҷавон аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Диссертант мубрамӣ ва муҳиммияти таҳқиқоти хешро дар таҳқиқи яке аз масъалаҳои муҳим ва саривақтии рушди илми педагога медонад.

Ба ақидаи муаллифи диссертатсия: «барои рушду ташаккули ҳамаҷонибаи низоми миллии таҳсилот бояд ба таҷрибаи таърихии миллат, инчунин, асосҳои илмӣ-педагогии таълиму тарбия такя намуд». Таъсири истифодаи манфии шабакаҳои интернетӣ ба паст шудани таълиму тарбияи наврасону ҷавонон оварда расондааст, ки ин ҳолат ба имрӯзҳо яке аз мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб меравад.

Барои муайян кардани роҳи ҳалли мушкилот омӯзиши ҳаматарафаи мероси таърихии гузаштагон, ғояҳо ва андешаҳои педагогии маорифпарварон, муҳаққиқон, файласуфон, инчунин, роҳу усули таълиму тарбияи дар асарҳои мутафаккирони халқ мавҷудбуда лозим аст. Таълиму тарбияи наврасону ҷавонон дар ҳама замон барои муҳаққиқон, олимон ва мутафаккирон яке аз масъалаи мубрам ва ҳаррӯза ба шумор меравад.

Баҳри рушду ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон истифодаи самараноки афкори педагогии ниёгон нақши аввалиндараҷа ва муҳимро мебозад.

Аз ин лиҳоз, унвонҷӯйи дараҷаи илмӣ мавзуи бисёр муҳимеро барои таҳқиқ интихоб кардааст, ки ба коркард ва асосноккунии истифодаи афкори педагогии ниёгон дар ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон асос ёфтааст.

Муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои таҳқиқоти илмӣ бамасъалаҳои зерин диққат дода шудааст:

- арҷ гузоштан ва гиромӣ доштану бомаврид истифода бурдани арзишҳои миллии вобаста ба синну сол ва дарку фаҳмиши шогирдони хурдсол дар даврони истиқлолият;
- муҳим ва мубрам будани ғояҳои судманду ибратбахши афкори

педагогии мутафаккирони барҷаста баҳри ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон;

- ҳангоми баргузории ҳар як машғулият ва ҳар як мавзуъ мавриди истифода қарор додани арзишҳои миллӣ ва истифода аз афкори педагогии ниёгон.

Хулоса, аз як ҷониб, мубрамӣ, аҳаммияти илмию назариявӣ ва амалии масъалаи баррасишаванда ва аз ҷониби дигар, ба таври кофӣ мавҷуд набудани таҳқиқот дар самти истифодаи афкори педагогии ниёгон дар ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон, интихоби мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Зулфия Кабирро асоснок менамоянд.

Ҳадаф аз андешаҳои дар боло ироашуда аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Зулфия Кабир дар шароити муосир бениҳоят мубраму муҳим ва дорои аҳамияти махсуси назариявию амалӣ буда, он бо дарназардошти талаботи замони муосир тавсияҳои илмӣ-амалӣ пешниҳод шудааст.

Дар баробари ин, довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Аҳмадзода Зулфия Кабир дар таҳқиқоти илмии хеш таҳқиқу таҳлили мушкилотҳои муҳимеро вобаста ба мавзуи кори илмии худ ба нақша гирифта, дар ҳаллу фасли онҳо то андозае комёб гаштааст. Бинобар ин, бо боварӣ метавон гуфт, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ ниҳоят мубрам ва саривақтӣ мебошад. Зеро аз ҷониби муаллиф бо назардошти вазифаҳои матраҳгардида, маҷмуи методҳои таҳқиқотие ба кор бурда шуданд, ки якдигарро пурра кардаанд.

**Дараҷаи навгонии илмии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.**

Арзёбии натиҷаҳои диссертатсия ва таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишии баргузорнамудаи Аҳмадзода Зулфия Кабир, ҳамчунин, хулосаву тавсияҳои методии коркард ва манзурнамудаи ӯ бозгӯйи онанд, ки муаллиф ба мақсад ноил шуда, вазифаҳои дар назди таҳқиқот гузошташударо ҳаллу фасл кардааст ва дар натиҷа фарзияи илмии пешниҳодкардааш дар амал тасдиқи худро пайдо кардааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯй дорои навгонии баланди илмӣ мебошад.

Нуқтаҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ дар ҳашт банд пешниҳод шудаанд, дар баробари бархурдорӣ аз тозагӣ, муҳимму мубрам будан, инчунин, ҷусторҳову ковишҳои дақиқи муаллифи диссертатсияро шарҳу тафсир мекунанд, ки дар асоси мутолиаи пурра ва амиқи осори

мавриди таҳқиқи ӯ ба даст омадаанд. Зеро ба таъкиди муаллифи диссертатсия ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон, бахусус дар истифода зимни афкори педагогии ниёгон, як самти муҳимми пешрафти низоми таълим ба шумор меравад.

Довталаби дараҷаи илмӣ бори аввал нақши арзишҳои педагогии миллӣ ва умумибашариро вобаста ба рушди таърихӣ, дар ташаккулёбии ахлоқ ва маънавияти насли наврасу ҷавон, чун асосии тарбияи шаҳрванди нави Тоҷикистони соҳибистиқлол асоснок кардааст.

Аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ бори аввал консепсияи дар насли наврасу ҷавони мамлакат ташаккулёбии арзишҳои миллӣ ва умумибашарии ба ғоя ва андешаҳои педагогии мутафаккирони асримиёнагӣ асосёфта таҳия ва барои истифодаи амалӣ пешниҳод гардидааст.

Нуқтаҳои илмие, ки аз ҷониби довталаби дараҷаи илмӣ - Аҳмадзода Зулфия Кабир дар ҳашт банд пешниҳод шудаанд, дар баробари ҷусторҳову ковишҳои дақиқи муаллифи диссертатсияро шарҳу тафсир кардан, инчунин, бархурдорӣ аз тозагӣ, муҳимму мубрам будан дар асоси мутолиаи пурра ва амиқи осори мавриди таҳқиқи ӯ ба даст омадаанд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта.**

Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда, ки дар таҳқиқот инъикоси худро ёфтаанд, тавассути методологияи муносибати бонизом, назарияи илмии ташхиси педагогии дар асоси методҳои назариявӣ ва эмпирикии таҳқикот, инчунин, бо таҳлили шароитҳо ва натиҷаҳои корҳои тачрибавӣ-озмоишӣ, исботи нуқтаҳои асосии дар фарзияи илмӣ пешниҳодшуда, хулосаи маҷмуи методҳои мутобиқ ба вазифаҳои ҳар як марҳилаи таҳқиқот, таҷрибаи шахсии муаллиф ҳамчун педагог таъмин карда шудаанд.

Аз ин дидгоҳ, довталаб тахқиқоти шоёну муҳимеро ба сомон расонидааст, ки дархури ниёзҳои ҷомеаи имрӯза мебошад.

Саҳеҳият ва асоснокии илмии хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалӣ тавассути далелҳои методологии амалияи муқаррарот аз он иборат аст, ки хулосаҳои гирифташуда дар рушди илми педагогика, таъминоти таълимӣ-методии усул, дастури таълимӣ-методӣ, барномаи корӣ барои хонандагон ва ғайраҳо коркард шуданд. Ин таъминоти таълимӣ-методиро омӯзгорон метавонанд дар низоми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳангоми баргузории дарсҳои таълимӣ, инчунин, шунавандагони низоми такмили ихтисос истифода баранд.

Таҳқиқоти пешниҳодшуда аз нуктаи назариявӣ ва методологӣ ҷиҳати муққаррарот бо асоснокии худ мувофиқ, бо мавзуъ ва предмети таҳқиқот комилан муносиб мебошад.

Натиҷаҳои илмии бадастомада бо муваффақият дар фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ карда шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки таҳқиқот на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок аст, балки дар амал низ самарабахш мебошад.

Хулосаҳо дорои арзиши назариявӣ мебошанд, инчунин, ба эҳтиёҷоти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷавобгӯанд ва барои беҳтар ба роҳ мондани сифати таълим мусоидат мекунанд.

Илова бар ин, қайд кардан лозим аст, ки арзиши баланди таҳқиқот ба таври амиқ ва ҳамаҷониба масъалаи муҳимро омӯхта, усулҳои муосири таҳқиқотиро истифода бурда, дар амал натиҷаҳои мусбат нишон додааст.

Диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» аз нигоҳи эътимоднокӣ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ дар сатҳи баланд қарор дорад.

Таҳқиқоти пешниҳодшуда аз нуктаи назариявӣ ва методологӣ ҷиҳати муққаррарот бо асоснокии худ мувофиқ, бо мавзуъ ва предмети таҳқиқот комилан муносиб буда, ба истифодаи самараноки асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон мусоидат мекунанд.

Довталаби дараҷаи илмӣ таҳқиқоти диссертатсионии худро ҷиҳати асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия дарҷгардида чунин исбот кардааст:

- бо равишҳои назарӣ ва методологӣ, асоснокии онҳо ва мувофиқат доштан ба проблемаи илмӣ ва мавзуи таҳқиқот;
- раванди таълим ва тарбияи синфҳои ибтидоӣ зимни ғояҳои ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар асоси арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон;
- дар асоси таҷриба, мушоҳида ва озмунҳо, васоити дигари санҷиш, таҳлил ва ҷамъбаст ноил гардидан ба таълиму тарбияи ахлоқӣ, ватандӯстӣ, сулҳдустӣ ва арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон;

Натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бар пояи таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи мушкилоти мавҷуда асос ёфтаанд. Ин таҳлил бо истифода аз нуқтаҳои назари таҳқиқоти бунёдии психологию педагогӣ ва методологӣ анҷом дода шудааст, ки ба таври мукаммал дарки масъала ва роҳҳои ҳалли онро фароҳам меорад. Натиҷаҳои бадастомада бо муваффақият дар

фаъолияти амалии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҷорӣ карда шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки таҳқиқот на танҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок аст, балки дар амал низ самарабахш мебошад.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти ҳамаи ин омилҳо, метавон хулоса кард, ки натиҷаҳои дар диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир бадастомада эътимоднок, дуруст ва ба таври кофӣ асоснок мебошанд. Онҳо метавонанд ҳамчун заминаи боэътимод барои таҳияи барномаҳои таълимӣ, дастурҳои методӣ ва таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи педагогика ва илми кишвар хидмат кунанд.

**Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия.** Муқаддимаи диссертатсия масъалаҳои муҳим ва мубрамро дар самти ташаккули арзишҳои миллии насли наврас ва ҷавон зимни истифодаи афкори педагогии баррасӣ мекунад.

Диссертатсияи мавриди таҳқиқ дар ҳаҷми 343 саҳифа бо сохтори иборат аз муқаддима, 5 боб, 13 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт таҳия гардидааст.

Боби 1-уми диссертатсия «Асосҳои таърихии ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии халқи тоҷик» номгузорӣ гардида, аз се зербоб иборат мебошад.

Боби 2-юми диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир ба пайдоиш ва рушди андешаҳои педагогии ниёгон ва нақши онҳо дар рушди педагогикаи муосири тоҷик бахшида шуда, аз се зербоб иборат аст.

Боби 3-юми диссертатсия «Арзишҳои ахлоқию маънавии таълиму тарбия дар осори ниёгони халқи тоҷик” ном дошта, аҳамияти фарҳангӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоии асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавонро зимни истифодаи афкори педагогии ниёгон мавриди таҳлил қарор додааст. Боби мазкур аз се зербоб иборат мебошад.

Боби 4-уми диссертатсия Нақши андешаҳои педагогии ниёгон дар ташаккули арзишҳои миллию инсонии насли наврасу ҷавон номгузорӣ карда шудааст ва аз ду зербоб иборат аст.

Боби 5-уми диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир ташаккули арзишҳои миллӣ ва умумибашарии насли наврасу ҷавонро бо истифода аз ғояҳои педагогии ниёгон дар шароити муосир мавриди таҳлил қарор додааст. Ин боб аз ду зербоб иборат мебошад.

Ба андешаи мо, тавсифи муфассали озмоиши ташкилнамудаи муаллиф хеле арзишманд аст. Натиҷаҳои корҳои озмоишии дар диссертатсия тавсифшуда оид ба самаранокӣ ва мувофиқи мақсад будани истифодаи корҳои анҷомдодашуда дар фаъолияти амалӣ шаҳодат медиҳанд.

Хулоса аз 5 банд иборат буда, тавсияҳои амалӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқот хеле арзишманд мебошанд.

**Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия.**

Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» дар он аст, ки таҳқиқоти мазкур ба назария ва амалияи педагогика дар таълиму тарбияи насли ояндасоз саҳми арзишманд мегузорад.

Аҳамияти илмӣ. Дар замони ҳозира ва ҳаёти оянда, ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ ва таҳаммулпазирӣ дар таълиму тарбияи насли наврасу ҷавон ниҳоят муҳим аст. Аз ин рӯ, ин таҳқиқот метавонад роҳҳои навро барои истифодаи самараноки афкори педагогии ниёгон дар ташаккули ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ, таҳаммулпазирӣ ва рушди арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон пешниҳод намояд.

Аз ҷиҳати амалӣ, маводҳои диссертатсия метавонанд ҳамчун манбаи муҳим барои таҳияи дастурҳои методӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи афкори педагогии ниёгон дар ташаккули дар рушди арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон истифода шаванд.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба баланд бардоштани сатҳи ватандӯстӣ, сулҳпарварӣ, таҳаммулпазирӣ ва рушди арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон ва ҷомеа мусоидат намояд.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Аҳмадзода Зулфия Кабир ба ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон зимни истифодаи афкори педагогии ниёгон мусоидат хоҳад кард.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.**

Муаллифи диссертатсия дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ фаъолияти нашриявиро хеле босамар ба роҳ мондааст. Натиҷаҳои асосии кор дар 3 монография, 2 дастури таълимӣ, 54 мақолаи илмӣ инъикос ёфтаанд, ки аз инҳо 22 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда, ки аз ҷониби Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд, ба табъ расидаанд.

Ин шумораи назарраси нашрияҳо саҳми арзишманди муаллифро дар густариши дониши илмӣ дар мавзуи диссертатсия таъкид мекунад. Нашрияҳои мазкур дорои мазмуни мукаммал, таҳлили амиқи илмӣ ва тавсияҳои амалӣ буда, татбиқшавии натиҷаҳои таҳқиқотро дар фаъолияти назариявию амалӣ таъмин менамоянд.

Дар маҷмуъ, шумораи зиёд ва сифати интишороти Аҳмадзода Зулфия Кабир аз рӯйи мавзуи диссертатсия далели пуррагӣ, асоснокӣ ва аҳамияти илмӣ ва амалии таҳқиқоти ӯ буда, ба дарёфти илмии доктори илмҳои педагогӣ ба таври комил мусоидат менамояд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия**.

Тартиби таҳияи диссертатсия мутобиқ ба талаботи Дастурамал оид ба барасмиятдарории диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаҳои илмӣ – доктори фалсафа (PhD), номзади илм ва доктори илм таҳия шудааст.

Матни диссертатсия мутобиқ ба муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия, ки бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, № 493 тасдиқ шудааст равон, дақиқ ва бо забони тоҷикӣ ба таври босаводона таҳия гардида, сохтори он, ҷойгиркунии қисмҳои гуногун, пайвасти мантиқӣ ва муттасилии маводи илмӣ пурра риоя шудааст.

Автореферат, ки аз диссертатсия бармеояд, ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар рисолаи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои техникӣ, имлоӣ, оморӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар баъзе мавридҳо ҷудосозии байни бахшҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот ниёз ба равшантар баён карданро дорад.
2. Тадқиқот асосан ба афкори педагогии ниёгон такя кардааст ва шояд барои истифода ё баррасии таҷрибаҳои муосири педагогӣ таҳлилҳои ақидаҳои мутафаккирони муосирро низ овардан аз манфиат холӣ набуд.
3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ вуҷуд доранд, киислоҳи онҳо ба манфиати кор мебошад.

Эродҳо ва камбудиҳои зикргардида, дар маҷмуъ аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коста намекунанд ва ба муҳтавои кор таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Аҳмадзода Зулфия Кабир дар мавзуи «Асосҳои консептуалии ташаккули арзишҳои миллии насли наврасу ҷавон дар заминаи истифодаи афкори педагогии ниёгон» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 5.3.1. Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст, дар сатҳи баланди

илмӣ ба анҷом расида, ба талаботи бандҳои 31,33,34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси номбаршуда мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
доктори илмҳои педагогӣ, профессори
кафедраи таҳсилоти томактабӣ ва кори
иҷтимоии Муассисаи давлатии таълимии
«Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи
Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» Иззатова Муҳаббат Иноятовна

« 15 » июни соли 2026.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи
А. Мусо, 35,
тел.: (+992) 918 26 35 35

Имзои Иззатова М.И.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
махсуси МДТ «Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ» Давлатов М.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Хатлон, ш. Кӯлоб, кӯчаи
С. Сафаров 16,
тел.: (+992 3322) 2-35-06
Суроғаи электронӣ: info@kgu.tj

« 16 » июни соли 2026.